«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
Ғаффорӣ Н.У. ____________
«6» декабри соли 2019

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Нигматов Нӯмонҷон Исломович дар мавзӯи «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт ва матншиносӣ. –Хуҷанд, 2019.**

Омӯзиши хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насри ахлоқӣ аз масоили мубрами адабиётшиносӣ мебошад. Махсусан, ҷанбаи матншиносии осори насрӣ дар ҳавзаҳои илмиву адабии кишвар кам мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳқиқи масоили матншиносӣ аз муҳаққиқ дониши фарох, мутолиаи васеъ, маърифати дурусти маонии каломро тақозо дорад. Пажӯҳиши ҳозир дар равшан сохтани ҷойгоҳи суханварон дар ташаккули насри ахлоқӣ, муаррифии мероси мансури ахлоқӣ, масоили матншиносиву поэтикӣ, нусхашиносии осори ахлоқӣ бахшида шудааст.

Таҳқиқу баррасии осори гаронбаҳои суханварони тоҷику форс, ки дар меҳвари он масоили ахлоқӣ қарор доранд, аз аҳамияти бузурге бархурдор аст.

Муҳаққиқи тозақадам Нигматов Нӯмонҷон Исломович мавзӯи диссертатсияи хешро ба масъалаи мазкур бахшидааст. Диссертатсия таҳти унвони «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор (PhD) аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 - Назарияи адабиёт ва матншиносӣ пешниҳод шудааст ва яке аз рисолаҳои пурбори адабиётшиносӣ дар давраҳои охир маҳсуб меёбад.

Таҳқиқи ҳозир дар муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт анҷом ёфтааст. Муқаддимаи диссертатсия нуктаҳои асосии муқаддиманависиро дар бар мегирад. Диссертант дар муқаддима пешинаи насри ахлоқии форсу тоҷикро амиқ таҳқиқ намуда, аз таърихи пайдоиш ва таҳаввули он сухан ба миён овардааст.

Диссертант таҳқиқоти марбут ба насри ахлоқии донишмандон, маълумоти феҳриствораҳо, тазкираҳо, донишномаҳои ахлоқӣ, мақолаҳои ҷудогонаро фаро гирифтааст.

Муҳаққиқ таҳқиқи хешро «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» унвон дода, дар он масоили матншиносӣ, поэтикӣ, таҳаввули насри ахлоқӣ дар аҳдҳои сабки наср, нусхашиносӣ, сарчашмаҳои фикрии муаллифон ва хусусиятҳои умдаи адабии осори ахлоқии асри XIV-ро баён сохтааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки “Таърихи насри ахлоқӣ ва таҳаввули он дар давраҳои сабки наср” унвон дорад ва ба чаҳор фасл тақсим гардидааст, аз таъриху таҳаввули насри ахлоқӣ сухан рафтааст. Фасли нахустини ин боб бо унвони “Пешинаи таърихии насри ахлоқӣ” (аз оғоз то аҳди Сомониён) дар бораи пайдоиши насри ахлоқӣ ва осори ахлоқии паҳлавӣ баҳс мекунад. Он осори ахлоқӣ, ки бо забони паҳлавӣ навишта шудаанд, масоили бисёри ахлоқиро дар худ нигоҳ доштаанд. Масалан, дар «оиннома»-ҳо мавзӯъҳои омӯзиши дониш, касбу ҳунар, одоби шатранҷ, ахлоқу афъоли бузургони дарбор ва ғ. бо баён ёфтаанд. Боз метавон мавридҳои гуногунеро ҳамчун мисол зикр намуд, ки дар он ҷанбаҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ зикр гардидаанд.

Диссертант ҳамчун хулоса қайд менамояд, ки осори ахлоқии аҳди сосонӣ ва тарҷумаи арабии онҳо заминаи хуберо барои ташаккули насри ахлоқӣ дар аҳдҳои баъдина фароҳам овардаанд (саҳ. 17).

Дар фасли дуюми боби нахуст зери унвони “Насри ахлоқӣ дар аҳди сабки хуросонӣ” аз пайдоиши насри форсӣ сухан рафтааст. Ин фаслро муҳаққиқ ба зерфаслҳо ҷудо намудаст, ки мувофиқи мақсад аст. Дар якум бо номи “Насри ахлоқӣ дар тафсирҳо” ҷанбаҳои ахлоқии

тафсирҳои Қуръон ба баррасӣ гирифта шудааст. Дар он он оятҳо, ки дар мавзӯи ахлоқ ҳастанд, мавриди таҳқиқ қарор гирфитааст.

Дар зерфасли дуюм ин фасл бошад, "Насри ахлоқӣ дар таърихномаҳо" ном гиритааст ва дар он муҳимтарин таърихномаи давраи мазкур баррасӣ гардидааст. Зефасли сеюм "Насри ахлоқӣ дар осори ифронӣ ва каломӣ" унвон дошта дар он «Нур-ул-улум»-и Харақонӣ, «Шарҳ «ат-Таарруф лимазҳаби-т-тасаввуф»-и Абӯбакри Калободӣ, «Савод-ул-аъзам»-и Ҳаким Самарқандӣ, «Пандномa»-и Мотуридии Самарқандӣ, «Панднома»-и Ибни Сино таҳқиқ гардидаанд. Муҳаққиқ нукоти ҷолиберо аз таҳқиқи мавзуъ берун кашида қайд мекунад, ки «Панднома»-и мансуб ба Ибни Сино ва «Панднома»-и Мотуридии Самарқандӣ аз ҷумлаи аввалин осори ахлоқӣ бо сабки хуросонӣ мебошанд.

«Насри ахлоқӣ дар даврони сабки байнобайн» чунин номгузорӣ шудааст фасли сеюми боби мазкур. Дар ин фасл муҳаққиқ осори ахлоқии навишташуда бо сабки байнобайнро як-як зикр мекунад. Нависандагони бузурге, чун Низомулмулки Тӯсӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Абулфазл Рашидуддини Майбудӣ, Абӯҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ ва Носири Хусрав осори гаронбаҳои херо бо сабки байнобайн ба қалам овардаанд. Осори ахлоқии ин давра дар рушди сабки насри форсӣ нақши бузург гузоштааст. Дар давраи сабки насри байнобайн насри ахлоқӣ марҳилаи муҳими такомулро сипарӣ намудааст. Дар поёни фасл Нигматов Н.И. хулосаҳои дуруст ва илмии хешро мушаххас баён доштааст.

Фасли охирини боби аввали диссертатсия "Насри ахлоқӣ дар давраи сабки насри фаннӣ" унвон гирифтааст. Дар ин фасл диссертант осори насрие, ки дар онҳо масоили ахлоқӣ матраҳ гардидаанд, муаррифӣ шудаанд. Ҳамон гуна ки маълум аст, дар давраи насри фаннӣ нависандагони форсизабон ба кутуби арабӣ, махсусан ба Қуръону ҳадис ва фунуни балоғат таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд ва ин мӯҷиб гардидааст, то дар наср дигаргуниҳо ба амал ояд. Осоре ки дар ин давра

ба қалам омадаанд, аз хусусиятҳои мазкур бархурдор мебошанд. Осори ахлоқие, ки бо сабки насри фаннӣ навишта шудаанд, дар сабкшиносӣ аз мақоми хоса бархурдор мебошанд. Ин гуна осор ба рушди насри ахлоқӣ дар аҳдҳои баъдина заминаи мусоидро фароҳам сохтаанд.

Боби аввали рисола таҳқиқи алоҳидаеро мемонад, ки дар он пешина ва таърихи таҳаввули насри ахлоқӣ баррасӣ гардидааст. Баъди баррасии пешинаи насри ахлоқӣ ва қайди хулосаиҳои зарурӣ диссертант вориди баҳсу баррасии осори ахлоқии асри XIV мегардад, ки ин баҳс дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони "Нусхашиносӣ ва сабки таълифи осори ахлоқии асри XIV" оғоз гардидааст. Фасли мазкур аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли аввал муҳаққиқ зери унвони "Осори хосаи ахлоқӣ дар асри XIV" осореро зикр мекунад, ки махсус ба масоили ахлоқӣ нигаронида шудаанд. Бино ба таъкиди муҳаққиқ осори ахлоқии асри XIV ҳам дар кисвати сабки насри сода ва ҳам сабки насри фаннӣ ба қалам омадаанд. Дар баъзе аз осор метавон ҳам насри сода ва ҳам фанниро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Нависандагони мумтози асри XIV, ки барои рушди осори сирф ахлоқӣ саҳм гузоштаанд, инҳо Муинуддини Ҷувайнӣ, Шарафуддини Қазвинӣ, Маҷди Хофӣ, Алоуддавлаи Симнонӣ, Убайди Зоконӣ, Зиёуддини Нахшабӣ мебошанд. Маҳз ҳамин нависандагон бо навиштани осори ахлоқӣ саҳми бузурги хешро дар тавсиа ва рушди насри ахлоқӣ сабаб гардидаанд. Муҳаққиқ ҳамчун хулоса зикр ва таъкид менамояд, ки баъзе аз нусхаҳои нодири осори ахлоқӣ, ки дар фасли мазкур муаррифӣ ёфтаанд, бояд дар тасҳеҳу нашрҳои минбаъдаи осори ахлоқӣ истифода гарданд.

Фасли дуюми боби дуюми тахқиқ «Мероси ахлоқӣ-ирфонӣ дар асри XIV» унвон дорад. Муҳаққиқ дар ин боб он осореро мавриди баррасӣ қарор дода, ки дар онҳо зимни баёни масоили ирфонӣ ахлоқ низ дар назар дошта шудааст. Муаллифоне, чун Абдулазизи Кошонӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Алоуддавлаи Симнонӣ, Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ, Абулмафохири Бохарзӣ, Иззуддини Кошонӣ ва дигарон барои ташаккулу тавсеаи ин гуна осор нақши муҳим бозидаанд. Муҳаққиқ

ҳамчун хулоса чунин менависад: “мусталаҳоти сӯфия ҳамеша ба шарҳу тафсир ва тавзеҳу таъвил ниёз дорад. Пас, дар ин замина ба китобу рисолаҳои ноомӯхта рӯй овардан аз аҳамият холӣ нест. Бахше аз осори ахлоқӣ-ирфонии асри XIV метавонад дар ин гуна маворид дар сафи осори муҳим қарор гиранд. Ҳамчун мисол метавон боби чаҳоруми китоби «Мисбоҳ-ул-ҳидоят ва мифтоҳ-ул-кифоят»-и Иззуддини Кошонӣ, ки «Дар баъзе истилоҳоти сӯфиён» унвон дорад ва фасли шашуми «Китоби футувват»-и Шамсуддини Омулиро, ки «Дар истилоҳоте, ки фитён онро истеъмол кунанд» номгузорӣ шудааст, зикр намуд” (саҳ. 60-61). Ин хулоса аз ворид будани муҳаққиқ ба мавзӯи хеш ва вусъати таҳқиқи ӯро нишон медиҳад.

Дар фасли сеюми боби дуюми диссертатсия футувватномаҳо мавриди баррасӣ қарор доранд. Муҳаққиқ бо унвони «Футувватномаҳо ҳамчун манобеи насри ахлоқӣ» ба тахқиқи футувватномаҳ пардохтааст. Футувватномаҳои асри мавриди таҳқиқ аз ҷониби нависандагоне, чун Наҷмуддин Абӯбакр Муҳаммад ибни Мавдуди Зоҳирӣ, Камолуддин Абдурраззоқи Кошонӣ, Шамсуддини Омулӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва ғ. Ба қалам омадаанд. Диссертант таъкид медорад, ки футувватномаҳо аз ҷумлаи осоре ҳастанд, ки дар матни онҳо ахлоқи олии ҷавонмардон нуҳуфта аст. Ин гурӯҳи осор дар ташаккули насри ахлоқии форсу тоҷик саҳми арзанда гузоштаанд. Инчунин аз нигоҳи матншиносӣ шоистаи омӯзиш будани ин гуна осор таъкид гардидааст.

Ҷанбаи таҳлилӣ ва таҳқиқи густардаи муҳаққиқ бештар дар боби сеюм, ки “Баррасии хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV” унвон дорад, инъикос ёфтааст. Боби мазкур аз чаҳор фасл таркиб ёфтааст. Муҳаққиқ зери унвони “Накду таҳлили осори ахлоқии асри XIV аз нигоҳи матншиносӣ” ба баррасии фасли аввали боб шурӯъ намуда, таъкид мекунад, ки роҳёбии ғалатҳо дар мутуни ахлоқии матбуъ якчанд сабабҳо дорад, ки инҳо ғалат хондани хониши ному нисбаҳо, камтаваҷҷӯҳӣ ба ҳаракати калимаҳо, мусаллат набудани таҳиягар аз Қуръону ҳадис ва донишҳои арабӣ, афтодани калима ва ғ. мебошанд.

Диссертант таъкид медорад, ки дар тасҳеҳи осори ахлоқии асри XIV нусхаҳои хаттӣ хеле муҳим ҳастанд ва дар асоси онҳо метавон матни мусаҳҳаҳро ба хонандагон пешкаш намуд.

«Санъатҳои бадеӣ дар насри ахлоқии асри XIV» чунин аст унвони фасли дуюми боби сеюми диссертатсия. Пажӯҳишгар дар ин фасл санъатҳои лафзиву маънавӣ, ки дар осори ахлоқии асри XIV бештар истифода гардидаанд, ба баррасӣ кашидаст. Диссертант баён доштааст, ки муаллифони осори ахлоқии асри XIV аз ҳама бештар аз санъатҳои бадеии саҷъ, ҷинос, ташбеҳ, киноя, истиора ва ирсоли масал истифода намудаанд.

Унвони фасли сеюми боби охирини диссертатсия «Корбурди ашъор дар насри ахлоқии асри XIV» унвон гирифтааст. Ин фасл ба се зербахш тақсим мешавад: 1) Истифода аз ашъори шуарои пешин; 2) Истишҳод ба ашъори худ; 3) Баҳрабарӣ аз ашъори арабӣ. Ҳамчун хулоса диссертант таъкид медорад, ки муаллифони осори ахлоқӣ дар кутуби хеш аз ашъори арабӣ фаровон истифода карда, дар қисме аз мавридҳо тарҷумаи манзуми онҳоро овардаанд. Дар мероси насри ахлоқӣ бештар аз фардбайт, қитъа, рубоӣ, маснавӣ ва қасида истифода гардидааст.

Яке аз фаслҳои пурбори диссертатсия фасли чаҳоруми боби сеюми он мебошад. Диссертант бо унвони «Маъхазшиносии осори ахлоқии асри XIV» сарчашмаҳои фикрии нависандагони асри XIV ба баррасӣ кашидааст. Ин фасл бу ду зербахш: 1) Сарчашмаҳои адабӣ; 2) Сарчашмаҳои ирфонӣ тақисм гардидааст. Бино ба таъкиди диссертант муаллифони соосри ахлоқӣ гоҳе аз номи сарчашмаи мавриди истифодаи хеш sароҳатан сухан кардаанд ва дар баъзе мавридҳо аз навъи сарчашма иттилоъ додаанд. Истифода ва баҳрабарӣ аз сарчашмаҳои адабӣ ва ирфонӣ дар насри ахлоқӣ бештар мазмунан сурат гирифтааст.

Таҳқиқ тахти унвони «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» кори анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ тавонистааст, ки масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқӣ, таҳаввулии насри ахлоқӣ дар давраҳои сабки насрӣ, сарчашмаи фикрии

суханварон ва дигар паҳлӯҳои таҳқиқоти адабиётшиносро мавриди баҳс қарор дода ба санҷаи таҳқиқ гузорад. Метавон пажӯҳиши анҷомпазируфтаро дар адабиётшиносии тоҷик ҷадид ва муҳим арзёбӣ намуд.

Диссертатсия ба меъёрҳои тахқиқоти илмӣ ҷавобгӯ буда, муҳаққиқ бо истифода аз сарчашмаҳои тирози аввали форсиву арабӣ ба таври матлуб истифода бурдааст.

Дар таҳқиқи ҳозир баъзе аз иштибоҳот ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо бар фоидаи кор хоҳад буд:

1) Бо хати арабӣ зикр нашудани шавоҳид ва иқтибосоти арабӣ;

2) Ба таври духӯра зикр шудани баъзе сарчашмаҳо дар диссертатсия ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад аст;

3) Таҷдиди назар ба баъзе аз матолиби тарҷумашуда аз забони арабӣ;

4) Дар рисола ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба ҳусни кор хоҳад афзуд;

5) Дар боби дуюми рисола ҳазфи қисме аз иқтибосот, ки ба таври намуна оварда шудаанд мувофиқи мақсад аст;

6) Таҷдиди назар ба номи китобҳое, ки ба хати форсӣ оварда шудаанд. Масалан, дар адабиёти №213 ибора ба тарзи مفاهم اخلاقی омадааст, аммо шакли дурусти он مفاهیم اخلاقی мебошад.

Албатта ин иштибоҳот ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, қимати диссертастсияро поён намебарад. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои чопшудаи Нигматов Н.И. мазмуну мундариҷаи рисоларо инъикос намудаанд.

Таҳқиқ дар мавзӯи «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» ба талаботи меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмӣ, ки Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии PhD доктор аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 - Назарияи адабиёт ва матншиносӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ бо иштироки диссертант Нигматов Нӯмонҷон Исломович баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 14 нафар устодон иштирок намуда, 14 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 14 нафар, “бетараф” – нест, “муқобил” – нест. Протоколи № 5, аз 6 декабри соли 2019.

Раиси ҷаласа,
номзади илми филология — Мирзоалиева Адолат Шералиевна

Котиби ҷаласа,
асисенти кафедра — Самиева Ниссо

Эксперт,
доктори илми филология, профессор — Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович

Имзои А.Ш. Мирзоалиева, Н. Самиева,
Ш.А. Солеҳовро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси “ДДОТ ба номи С. Айнӣ” — Назаров Давлатхон

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 121.
Тел: +992 (37) 224 13 83
E-mail: tgpu@mail.tj
www. tgpu@mail.tj